“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”:
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
________ Хайрзода Ш.
“___” ________ соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Гулистон Сафар, ки дар он баррасии масъалаҳои нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом ёфтааст, ба самтҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогика умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 4* – “Назария ва консепсияҳои таълим” (консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим), *банди 6* – “Консепсияҳои таълим” (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим; равандҳои инноватсионӣ дар таълим), *банди 7* – “Педагогикаи амалӣ” (тағйироти низомӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла моҳият, сохтор ва вазифаҳои он) мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.** Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Сафарзода Гулистон Сафар дар омезиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводҳо, таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, муайян намудан ва истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад, объект, предмет ва вазифаҳои таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда дар заминаи кори озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ нақши барномаҳои давлатиро дар рушди соҳаи маорифи кишвар коркард карда, татбиқи он дар нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар таҳияи амалияи диссертатсия баррасӣ гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқот бо он арзёбӣ мегардад, ки таҳлили вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва ошкорсозии нақши онҳо дар рушди маорифи кишвар дар партави корбасти роҳу усулҳои самарабахш сурат гирифта, равишҳои иҷтимоию сохторӣ, таърихӣ-фарҳангӣ, маҷмуӣ ва ягона истифода шуданд.

Дар диссертатсия вазъи воқеӣ ва раванди амалишавии стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва аҳамияти онҳо дар таъмини пешрафти таҳсилот ва навсозии мазмуну мундариҷаи таълим таҳқиқу таҳлил ва арзёбӣ гардида, раванди иҷрои талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи маориф ба қадри имкон саҳмгузорӣ карда шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар рисола дастоварду комёбиҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ, вазъи иҷрои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, дастовардҳо ва мушкилоти татбиқ ва нақши онҳо дар татбиқи ислоҳот ва рушди соҳаи маориф мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шуда, ҳадафҳо, принсипҳо, ҷанбаҳои сохторӣ, шароит ва технологияи татбиқи онҳо ҳаллу фасл шудааст. Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Гулистон дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони муосири аз донишҳои педагогӣ ва технологияҳои инноватсионии таълим бархӯрдор дар заминаи Стратегияи миллии рушди таҳсилот то давраи соли 2030, ки дар низоми таҳсилоти кишвар, махсусан, вобаста ба гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим ба вуқуъ омаданд, коркард ва пешниҳод шудааст.

Зимни таҳлили раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф равишҳои иҷтимоию сохторӣ, таърихӣ-фарҳангӣ, маҷмуӣ ва ягона истифода шуда, принсипҳои методологии таърихӣ ва объективӣ, ки воқеият ва эътимоднокии баррасии илмии раванди таълимро дар муассисаҳои таълимӣ таъмин мекунанд, низ риоя карда шудаанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, ошкор ва асоснок намудани нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи кишвар дар раванди таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ, муайян сохтани талаботи барномаҳои давлатӣ оид ба такмили ихтисос ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, ҳамчунин оид ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим таҳлилу таҳқиқи комил пайдо кардааст.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли

проблемаҳои муҳимро ба монанди: ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асосноккунии роҳу усулҳои самараноки ташаккули сифатҳои касбии омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ, зимни таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ муайян намудани моҳият ва мазмуни истилоҳи омодагии омӯзгор ин фан ва амсоли онро ба риштаи таҳқиқ ва пажуҳиш кашидааст. Тазаккур медиҳем, ки унвонҷӯй дар ҳалли масоил ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил ва комёб шудааст.

Муаллифи диссертатсия фарзияи илмии таҳқиқотро воқеъбинона, аз нигоҳи илмӣ-назарӣ пешбинӣ карда чунин мешуморад, ки барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ба таври самаранок татбиқ мегарданд, агар дар муассисаҳои соҳаи маориф оид ба татбиқи барномаҳои давлатӣ нақшаю чорабиниҳои мушаххас таҳия ва татбиқ карда шаванд; дар муассисаҳои таълимӣ оид ба татбиқи талаботи дахлдори барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф бештар семинарҳои омӯзишиву мизҳои мудаввар баргузор карда шаванд; роҳҳои банақшагирӣ ва амалисозии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ коркард ва мавриди амал қарор гирад; шароит ва муҳити иҷтимоӣ-педагогии муассисаҳои таълимӣ оид ба татбиқи барномаҳои давлатӣ омӯхта шавад; масъулияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва маъмурияти муассисаҳои таълимӣ дар амри иҷрои талаботи барномаҳои давлатии соҳаи маориф баланд бардошта шавад.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои ҳини таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишӣ анҷомдодаи унвонҷӯй Сафарзода Гулистон Сафар аз он дарак медиҳад, ки фарзияҳои пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия Моҳият, мундариҷа, дастоварду комёбиҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ, вазъи иҷрои барономаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, дастовардҳо ва мушкилоти татбиқ ва нақши онҳо дар татбиқи ислоҳот мушаххасан ва рушди соҳаи маориф мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст. Дар боби мазкур на танҳо мундариҷаи амсилаи пешниҳодшуда бо тартиби муайян гуруҳбандӣ карда шудааст, балки ҳар як қисму ҷузъи он тавзеҳ дода шуда, татбиқи он мушаххасан таъкид гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия ба масъалаҳои мубрами ташаккули касбии омӯзгори оянда такмили ихтисоси омӯзгорон ҳамчун омили асосии баланд бардоштани малакаи касбии онҳо, таъмини рақобатпазирии низоми маорифи миллӣ дар бозори ҷаҳонии таҳсилот ва меҳнат, ки аз омӯзгорони баландихтисос ва бо донишҳои илмию педагогӣ

ва технологияи муосир мусаллаҳбуда вобаста аст, муносибати босалоҳият ба таълим – унсури асосии ислоҳот ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда ва хулосабарорӣ аз он, раванди татбиқи талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва арзёбии натиҷаҳо бахшида шудааст. Дар рафти корҳои санҷишӣ-озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёфта, бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ арзёбӣ ва ҷамъбаст шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалиро ба анҷом расонида, натиҷаҳои ба дастомада дар таҷрибаи амалӣ дар иртибот ба татбиқи пурра ва самараноки барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф кӯмак ва мадад хоҳад расонд.

**Навгонӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия дастовард ва мушкилоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони Истиқлолияти давлатӣ таҳлилу баррасӣ, татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф мавриди омӯзишу таҳқиқ, нақши онҳоро дар татбиқи ислоҳот ва рушди соҳаи маориф муайян, мушкилоти раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ошкор, роҳу воситаҳои бартарафсозии ин мушкилотро нишон додааст, роҳу усулҳои амалисозии талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ҳамчун унсури асосии ислоҳоти соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ таҳлилу баррасӣ ва манзур намудааст; талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф оид ба такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди омӯзиш ва озмоиш қарор гирифта, натиҷаҳои онро ҷамъбаст ва арзёбӣ намудааст ва дар ин замина тавсияву пешниҳодот оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал коркард ва ироа кардааст. Дар рисола қайд мегардад, ки такмили ихтисоси омӯзгорон яке аз талаботи асосии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва омили асосии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор мебошад, ки ба баланд шудани сифати таҳсилот мусоидат хоҳад кард.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Гулистон Сафар аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд ва аз дастовардҳои зерин иборат аст:

- собит гардидааст, ки такмили ихтисоси омӯзгорон яке аз талаботи асосии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва омили асосии

ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор мебошад, ки ба баланд шудани сифати таҳсилот мусоидат хоҳад кард;

- роҳу усулҳои амалисозии талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ҳамчун унсури асосии ислоҳоти соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ таҳлилу баррасӣ ва манзур шудааст;

- талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф оид ба такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди омӯзиш ва озмоиш қарор ёфта, натиҷаҳои он ҷамъбаст ва арзёбӣ шудааст ва дар ин замина тавсияву пешниҳодот оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал коркард ва ироа шудааст.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия барномаҳои давлатӣ дар воқеъ яке аз омили асосии рушди соҳаи маориф дар замони истиқлолият ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи татбиқи самараноки онҳо соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра ба як силсила дастоварду муваффақиятҳо ноил гардидааст. Вобаста ба ин дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ кӯшишҳои бешуморе баҳри дигаргунсозии мазмуну мундариҷаи таълим, ба талаботи таҳсилоти муосир ҷавобгӯ сохтани таҳсилоти ватанӣ, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ва шаклгирии мактаби миллӣ ба харҷ дода шудааст.

Дастовардҳо ва тамоюлҳои рушди педагогикаи муосир дар самти раванди амалишавии стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф таҳқиқу таҳлил ва арзёбӣ гардида, такмили ихтисоси омӯзгорон ҳамчун талаботи асосии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва омили асосии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор собит гардидааст. Минҷумла, роҳу усулҳои амалисозии талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ҳамчун унсури асосии ислоҳоти соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ асоснок гардидааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавассути озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсила ва раванди татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи маориф санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ пешниҳод гардидаанд, ки дар семинару курсҳои омӯзишӣ ба омӯзгорон ҳамчун дастури назариявӣ ва методӣ, роҳнамо хидмат хоҳад кард. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшудаи таҳқиқотро метавон барои амалисозии чорабиниҳои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва инчунин дар муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, дар маҷмуъ барои аҳли маорифи кишвар дар самти мактабшиносӣ ҳамчун маводи ёрирасон ба таври васеъ истифода намуд.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва

хориҷӣ, психологҳо мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор ёфта, раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи соҳаи маориф, муносибати маҷмуӣ ба таҳқиқи мушкилот зимни татбиқи барномаҳои мазкур равшан ва мушаххас гардидааст. Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ, фаъолиятитаҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба мавзуъ таҳқиқот ба анҷом расидааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажуҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, конфронсҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар оид ба раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, ҷаласаҳои кафедраҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои такмили ихтисос, ки солҳои 2017-2022 дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиали он дар минтақаи Бохтар, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, чанде аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, семинарҳои омӯзишӣ оид ба татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи маориф, такмили ихтисоси омӯзгорон-омили асосии баланд бардоштани малакаи касбӣ баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд.

Дар асоси омӯзиши маъхазҳои илмӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллифи диссертатсия ба хулоса омадааст, ки барномаҳои давлатӣ дар воқеъ омили асосии рушди соҳаи маориф дар замони истиқлолият гашта, дар натиҷаи татбиқи самараноки онҳо соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра ба як силсила дастоварду муваффақиятҳо ноил шудааст. Ҳамзамон, дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ кӯшишҳои бешуморе баҳри дигаргунсозии мазмуну мундариҷаи таълим,

ба талаботи таҳсилоти муосир ҷавобгӯ сохтани таҳсилоти ватанӣ, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ва шаклгирии мактаби миллӣ ба харҷ дода шуда, барои ноил шудан ба ин мақсадҳо беш аз чорсад номгӯй санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва даҳҳо сттратегияву консепсия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф таҳия ва тасдиқ гардида, ба рушди бемайлони таҳсилоти миллӣ мусоидат карданд, ки фаъолияти кормандони соҳаи морифро муайян месозад.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои баёншудаи унвонҷӯй Сафарзода Гулистон Сафар қавӣ ва боэътимоду аз нигоҳи илмӣ асосноканд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан муносибати босалоҳият ба таълим қобили қайд ва эътироф аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқот, муқаррарот ва хулосаҳои асосии диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, муносибати маҷмуӣ ба таҳқиқи мушкилот зимни татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф иштирок дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва, ниҳоят, дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмета таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таҳия гардида, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф пеши назар меорад. Гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродхо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф нуқтаи назари як қатор олимону коршиносони соҳаро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки дар ин миён нуқтаи назари олимони дохилӣ дар самти мазкур ба андешаи мо кам ба назар мерасад. Унвонҷӯ бурд мекард, агар нуқтаи назари олимонро вобаста ба мавзуи баррасишаванда таҳқиқ менамуд.

2. Хуб мебуд, агар дар рисола оид ба таҷрибаи пешқадами донишкадаҳои такмили ихтисоси кишварҳои беруни Тоҷикистон бобати проблемаи таҳқиқ андешаронӣ мешуд, зеро бесабаб нагуфтаанд: ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.

3. Дар матни диссертатсия хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафарзода Гулистон Сафар сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара” Гулзода Н. А. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология Донишгоҳи давлатии

Данғара, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Сафарзода Гулистон Сафар иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология аз 28.12.2023, №5).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи педагогика
ва психология Донишгоҳи
давлатии Данғара, номзади илмҳои
педагогӣ, и.в. дотсент Ғафурова Д.Ҷ.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
и.в. дотсенти кафедраи педагогика ва
психологияи Донишгоҳи давлатии
Данғара, номзади илмҳои педагогӣ Гулзода Н.А.

Котиби ҷаласаи васеи
семинари илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Набиев Ҷ.Ғ.

30.11.2023

Маълумот барои тамос: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 833122-28-06, +992 553 555765; +992907773610; E-mail: dddangara_2013@mail.ru, dilorom.gafurova.@mail.ru; www.dsu.tj

Имзои Д.Ҷ. Ғафурова, Н.А. Гулзода,
Ҷ.Ғ. Набиевро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ Донишгоҳи
давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО